«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
________________________
«___» ____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович соли 2012 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» дараҷаи бакалаврро хатм кардааст.

Соли 2014 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» бо дипломи аъло ба итмом расонидааст. Аз соли 2013 то ин ҷониб ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ соли 2015 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Саидзода Ҳалим Азиз, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин гардидааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин **хулоса** карда шуд:

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи Садриддин

Айнӣ аз 22.06.2022, № 14 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи мазкурро бо иштироки муқарризони холис – Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе доктори илмҳои филологӣ Мухторов З. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов М. баррасӣ ва муҳокима намуд.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович нахустин таҳқиқоти муфассал доир ба ошкорсозии хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Ҳамаи паҳлуҳои мавзуи таҳқиқ дар заминаи маводи фаровони забонӣ аз ҷониби диссертант мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамияти таҳқиқи мавзуъ.** Аҳамияти мавзуъ дар самти таҳқиқи пешояндҳои замон ва самту ҳаракат ба масъалаҳои басо таҳқиқталаб ва пурмуаммо далолат мекунад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ даврахои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд. Диссертатсияи ба таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшидашуда дар он пешояндҳои ифодагари самту ҳаракат дар забонҳои муқоисашаванда ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Роҷеъ ба ин мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ кори таҳқиқотии мукаммале анҷом наёфтааст. Аҳамияти пажуҳиши ин масъала иборат аз ан аст, ки дар забоншиносии тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ кори алоҳидаи таҳқиқотӣ анҷом наёфтааст. Бинобар ин, таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои муқоисаи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор рафта, тавассути хусусиятҳояшон паҳлуҳои гуногуни қабатҳои грамматикии ин забонҳо ошкор хоҳанд гардид.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот**. Бунёду асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро дастовардҳои забоншиносони маъруф Фердинанд де Соссюр, Бодуэн де Куртенэ, Л. В. Шерба, А. И. Смирнитский, В. В. Виноградов, В. С. Расторгуева, Л. Р. Зиндер, В. С.

Соколова, Р. Якобсон, Н. М. Шанский, А. А. Уфимсева, Л. Елмслев, С. Д. Кацнелсон, Н. С. Валгина, И. Р. Галперин, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Саймиддинов, Т. Хаскашев, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанзода, Н. Офаридаев, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, М. Ҳ. Султон, О. Қосимов, З. Мухторов, С. Ҷоматов ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаи хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракати забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ ва тарҷумаи англисии он бори нахуст мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад. Дар баробари ин вижагиҳои низоми сохтор, шаклгирии онҳо ва таҳаввули маъноии гурӯҳи мавриди таҳқиқи пешояндҳо дар асоси муқоисаи маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ, мушаххас намудани хусусиятҳои типологии онҳо як иқдоми тоза дар забоншиносии муосир буда, маҳаки навгонии илмии диссертатсияро нишон медиҳад. Ҳамзамон ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои тасниф ва муқоисаи қолабҳои пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ марбут аст.

**Мақсади таҳқиқот**. Ҳадафу мақсади таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян ва муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки ҳар як ҳадаф ва мақсад ба худ як падидаи навро тавлид менамояд ва ин амалро мо дар диссертатсияи худ баён доштаем. Бар асоси маводи ҷамъовардаи худ, мо ба мақсадҳои ниҳоии таҳқиқот то ҷойи имкон ноил шудем.

**Аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳлилу баррасии мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои назариявии низоми наҳви забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, нуктаҳои асосии он дар омода намудани барномаҳои таълимии мактабҳои олии кишвар ва таълими фанни типологияи муқоисавӣ ё курси махсус оид ба наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ тавсия дода мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и

Садриддин Айнӣ)» бо ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ нашр шуданд, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

[1-М]. Ашурмадов, Қ. Вазифаҳои сарфии пешояндҳои забони англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – № 2 (97). – С. 127-133.

[2-М]. Ашурмадов, Қ. Вежагиҳои дастурии пешоянди “over” дар забони англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. – № 4 (87). – С. 33-38

[3-М]. Ашурмадов, Қ. Роҳҳои истифодабарии пешояндҳои ифодакунандаи ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – № 1/3 (89). – С. 69-75.

[4-М]. Ашурмадов, Қ. Пешояндҳои номии изофии таркибии фодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои таҳқиқшаванда / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – № 6 (101). – С. 94-99.

[5-М]. Саидзода, Ҳ., Ашурмадов, Қ. Пешояндҳои номии ифодакунандаи муносибатҳои замонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /Ҳ. Саидзода, Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2022. – № 4 (91). – С. 63-72.

Диссретатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида ва ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-

таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар таърихи 26 июни соли 2022 суратҷаласаи №1 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ. **Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 15 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” - нест.

**Раиси Шурои олимони**
**факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ**,
доктори илмҳои филологӣ,
дотсент Каримов Шуҳрат Бозорович

**Муқаррizи холис**:
Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайниддин

**Муқаррizи холис**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович

**Котиби Шурои олимони факултет**:
муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ғуломов Наимҷон Хайрилоевич

“Имзоҳои Ш.Б.Каримов, З. Мухторов, М.М. Комилов ва Н. Х. Ғуломовро тасдиқ мекунам”
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 224 13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
e-mail: info@tgpu.tj
02.09.2022